**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-028 оид ба ҳимояи диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик, оид ба диссертатсияи:**

1. Салимиён Озар Саидзод – унвонҷӯи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.
2. Дараҷаи дарёфт – номзади илмҳои филологӣ.
3. Мавзӯъ: «Мафҳуми ғам ва омилҳои ғамбарангез дар маснавиҳои Бедил».
4. Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.
5. Роҳбари илмӣ – Тағоймуродов Рустам Ҳакимович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод ба яке аз масоили дастнохӯрда ва муҳими илми адабиётшиносӣ - таҳқиқу баррасии мафҳуми ғам ва авомили ғамбарангез дар маснавиҳои Мирзо Абдулқодири Бедил бахшида шуда, дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф ёфтааст.

Аҳамияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки мавзӯи мазкур бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ шудааст. Бо вуҷуди он ки муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ аз дер боз ба таҳқиқи масоили гуногуни марбут ба зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Мирзо Абдулқодири Бедил машғул будаанд, рӯзгор ва осори фарогири ин бузургмарди ирфону адаб масоили зиёде дорад, ки нигоҳи тоза ва таҳқиқоти ҷиддиву амиқтарро хостгоранд. Мафҳуми «ғам» ва омилҳои барангезандаи он аз ҷумлаи ҳамин масоил аст, ки Салимиён Озар ба таҳқиқу баррасии он пардохтааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мафҳуми ғам ва масоили марбут ба он дар маснавиҳои Мирзо Абдулқодири Бедил мавриди таҳқиқоти муфассал ва густардаи илмӣ қарор гирифтааст. Боиси таассуф аст, ки бо вуҷуди аз мустаъмалтарин мафҳумот ва аз муҳимтарин мавзӯоти шеъри форсӣ

будани мавзӯи ғам он то ба имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқу баррасии густарда ва фарогири илмӣ қарор нагирифта буд. Диссертатсияи мазкур аз аввалин иқдомотест, ки барои рафъи ин камбуду норасоӣ мусоидат хоҳад намуд.

Таҳқиқу баррасии муфассали мафҳуми ғам ва авомили ғамбарангез дар маснавиҳои Мирзо Абдулқодири Бедил аз мақсадҳои асосии муаллифи диссертатсия буда, барои расидан ба ин ҳадаф ӯ ҳалли як зумра вазифаҳо, аз қабили таҳқиқу баррасии ҷойгоҳи ғам дар адён ва асотир, муайян намудани назари донишмандон ба мафҳуми ғам, таҳқиқи мафҳуми ғам дар осори адибони форсигӯ, таҳлилу баррасии мавзӯи ғам дар маснавиҳои Бедил ва ғоятшиносии онҳо, таҳқиқи дастабандии ғам ва баррасии омилҳои ғамбарангезро дар маснавиҳои Бедил ба зимма гирифта, тавре мушоҳида мешавад, аз уҳдаи ҳалли масоили зикргардида ба хубӣ баромадааст.

Дар раванди таҳқиқ диссертант аз усулҳои таҳқиқи муқоисавию таърихӣ, татбиқӣ, қиёсӣ ва дигар усулу равишҳои таҳлили матни адабӣ истифода карда, ба афкори назарӣ ва таҳқиқотии донишмандони ватанию хориҷӣ, аз қабили Р. Николсон, Е.Э. Бертелс, А. Зарринкӯб, М. Баҳор, Б. Фурӯзонфар, З. Сафо, Қ. Ғанӣ, А. Ҳикмат, Ш. Кадканӣ, Ҳ. Ҳусайнӣ, Х. Халилӣ, С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, А. Сатторзода, Х. Шарифзода, А. Насриддин ва дигарон такя кардааст.

Дар се боб ва зерфаслҳои диссертатсия исбот шудааст, ки мафҳуми «ғам» аз мафҳумоти мустаъмал ва калидии шеъри Бедил буда, он дар анвои гуногуни шеъри шоир, бахусус дар маснавиёти ӯ, бо тобишҳои гуногуни маъноӣ ҷилвагарӣ менамояд. Инчунин муҳаққиқ авомили ба ғаму ғусса гирифтор шудани инсонро аз нигоҳи Бедил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Арзиши назарӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи масоили равоншиносии адабиёти бадеӣ роҳ ҳамвор намуда, ҳангоми таҳқиқу пажӯҳиши масоили гуногуни адабиёти бадеӣ, бахусус таҳқиқи ҷанбаи равоншинохтии осори адабӣ, мусоидат менамоянд.

Маводи диссертатсияро ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷикии форсӣ барои мактабиён ва донишҷӯён, таълифи рисола ва мақолаҳои илмӣ оид ба таърихи адабиёт, таълифи корҳои курсиву дипломӣ истифода кардан мумкин аст.

Диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод аз рӯи мундариҷа ва масъалагузорӣ ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пурра мувофиқат дорад. Автореферат ва ҳафт мақолаи нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод дар мавзӯи «Мафҳуми ғам ва омилҳои ғамбарангез дар маснавиҳои Бедил» кори илмии анҷомёфта ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро метавон барои ҳимоя кардан дар Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА – 28 оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, ки дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ташкил шудааст, иҷозат дод.

Комиссияи экспертӣ тавсия менамояд, ки ба сифати муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич ва номзади илмҳои филологӣ Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович таъйин карда шаванд.

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тавсия карда мешавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:** д.и.ф., профессор Солеҳов Ш.

**Аъзо:**

д.и.ф., профессор Исрофилниё Ш.

д.и.ф., профессор Рустамова Г.

25.12.2020